# МАВЗӮИ 2. АСОСҲОИ ЭТИКАИ КАСБӢ

*1. Асосҳои таърихӣ ва заминаҳои пайдоиши этикаи касбӣ*
*2. Асоҳои этикаи касбӣ ҳамчун илми муосир*
*3. Талаботи этикаи касбӣ*
*4. Принсип ва меъёрҳои этикаи касбӣ дар замони муосир*

## 1. Асосҳои таърихӣ ва заминаҳои пайдоиши этикаи касбӣ

Этикаи касбӣ яке аз шохаҳои илми этика буда, таърихи қадима дорад. Олим-табиби маъруфи Юнони бостон Гиппократ (асри IV-Ш т.м.) дар бораи этикаи касбӣ тадқиқоти илмӣ гузаронида, сабаби пайдоиши касбҳоро дар тақсимоти бузурги меҳнат мебинад, яъне аз шикорчигӣ ҷудо шудани чорводорӣ, аз чорводорӣ ҷудо шудани зироаткорӣ ва аз зироаткорӣ чудо шудани ҳунармандиро муайяи кардааст. Гиппократ «этикаи касби»-ро асос гузошт, яьне ӯ нахустин шахсест, ки дар бораи талаботҳои дақиқ, махфӣ ва ба худ хоси этикаи касбӣ ақидаҳо баён кардааст. Вай доир ба этикаи омӯзгор, табиб, зироаткор, олим, подшоҳ ва ғайраҳо қоидаҳои махсуси ахлоқро тартиб додааст. Гиппократ тадаботи этикаи табибро хамчун «қасам» ба низом даровардааст, ки бо номи «Қасами Гиппократ» дар соҳаи тибби ҷаҳон амал мекунад.

Этикаи касбӣ дар натиҷаи талабот ва ҳавасмадии одамони ҳамкасб нисбат ба ахлоқ пайдо шуда, баробари тараққиёт истеҳсолот инкишоф ёфтааст. Ақидаҳои ҷомеаи меҳнатӣ дар барқарор ва ҷорӣ кардани этикаи касбӣ роли муҳим мебозиданд. Аммо дар ҷомеаҳои беадолат дар ҷараёни меҳнат этикаи касбӣ риоя карда намешуд.

Ҷомеа танҳо он гоҳ вуҷуд дошта метавонад, ки неъматҳои моддӣ ва маънавӣ истеҳсол карда шаванд. Аз ин рӯ, этикаи касбӣ ба инкишофи ахлоқии одамон дар фаъолияти мехнатӣ мусоидат менамояд. Этикаи касбӣ муносибати инсонро 6а ӯҳдадории касбӣ муайян мекунад, ки он бо ҷомеа ва одамон алоқаманд мебошад.

## 2. Асоҳои этикаи касбӣ ҳамчун илми муосир

Этикаи касбӣ - илмест, ки дар бораи маҷмӯаи меъёр, принсип ва коидаҳои рафтори мутахиссис дар фаъолияти касбӣ сухан меронад. Этикаӣ касбӣ қисмн ҷудонашаванда ва таркибии

фаъолияти кории соҳибкасб ба шумор меравад.

Этикаи касбӣ чунин масъалаҳоро меомӯзад:

- муносибати коллективи меҳнатӣ нисбат ба ҷомеа;
- муносибати мутахассис нисбат ба аҳли ҷомеа;
- рафтори соҳибкасб. ки иҷрои беҳтарини ӯҳдадории касбиро таьмин менамояд;
- муносибати байниҳамдигарии ҳамкасбон ва одамон, ки объекти фаьолияти онҳо мебошанд.

Асоси этикаи касбӣ ин муносибати эҳтиромона кардан нисбат ба табиат, ҷамьият ва одамон мебошад.

## 3. Талаботи этикаи касбӣ

Талаботи аввалиндараҷаи этикаи касбӣ ин бовиҷдонӣ, пок иҷро кардани ӯҳдадории касбӣ мебошад. Дар замони муосир меъёр ва принсипҳои этикаи касбӣ, ки аз этикаи умумиинсонӣ сарчашма мегиранд, ба кодекси ахлоқ табдил дода шудаанд. Меъёрҳои этикаи касбӣ ин қоидаҳое, ки дар асоси идеалҳои гуманистии ахлоқ ба тартиб дароварда шуда, интизоми меҳнатиро риоя кардани шахсро ифода мекунад. Дар ҳолати беэътиборӣ нисбати ӯҳдадории касбӣ корманд аз кор сабукдӯш карда мешавад. Барои чунин ҳолати ногувор руй надиҳад, меьёрҳои касбии зеринро бояд дар хотир дошт:

а) аз рӯи талабот бо маҳорат иҷро кардани ӯҳдадории касбӣ;

б) нишон надодани характерҳои шахсӣ ва нигоҳ доштани ҷараёни кор;

в) муносибати ҷиддии меҳнатӣ кардан бо ҳамкасбон, мизоҷон ва ширкатҳои ҳамкор;

г) дар равиши кор муносибати ғайрикасбӣ накардан бо мизоҷон, зердастон, ҳамкорон ва роҳбарон;

д) риоя кардани принсипи ҳамкорӣ ва муҳокима накардани ҳамкасбону зердастони худ дар назди мизоҷон ва шахсони дигар;

е) дар муҳити корӣ роҳ надодан ба табъизи наҷодӣ синну солӣ, гендерӣ, миллатчигӣ ва маҳалгароӣ;

ё) дар вақти мӯҳлат иҷро кардани супориши мизоҷон ва корхонаҳои ҳамкор.

Дар этикаи касбӣ дар ҷараёни кор муносибатҳои гуногун ба монанди фармондиҳанда, иҷрокунанда, ҳисоботдиҳанда байни роҳбар, зердаст ва ҳамкор ба амал меояд. Яъне роҳбар ӯҳдадор аст,

иҷроиши корро аз рӯи меъёри касбӣ талаб намояд ва зердастон вазифаи худро аз рӯи виҷдон дар сатҳи беҳтарин иҷро кунанд, ки ин талаботи этикаи касбӣ ба ҳамаи касбҳо ва соҳибкасбҳо тааллуқ дорад.

**Ихтисос -** ин намуди муайяни фаъолияти меҳнатӣ, ки аз шахс дониш ва таҷрибаи кориро талаб мекунанд.

Дар ҷахони имрӯза зиёда аз 50 ҳазор намуди касбу ҳунар амал мекунанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳрвандон аз рӯи зиёда аз 3 ҳазор касбу ихтисосҳо фаъолияти меҳнатӣ мебаранд. Ҳоло дар омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ, миёнаи махсус ва мактабҳои олии мамлакат аз рӯи зиёда аз 600 номгӯи касбу ҳунарҳои гуногун мутахассисон тайёр карда мешаванд.

Мутобиқ ба ашёи меҳнат касбҳо ба панҷ гурӯҳ ҷудо мешаванд:

*1. «Инсон - инсон»*- ашёи меҳнат одамон мебошанд. омӯзгор, духтур, кормандонии соҳаи хизматрасонӣ);

*2. «Инсон-техника»* - ашёи меҳнат воситаҳои техника мебошанд (муҳандис, нақлиётчӣ);

*3. «Инсон - табиат»* - ашёи меҳнат замин, об, наботот ва ҳайвонот мебошанд (деҳқон, чорводор);

*4. «Инсон - силсилаи нишонаҳо»*- ашёи меҳнат нишонаҳои шартӣ, формулаҳо, рақамҳо мебошанд (муҳосиб,барномасоз);

*5. «Инсон - образи бадеӣ»*- ашёи меҳнат образи бадеӣ ва унсурҳои он мебошад (санъаткор, адиб).

Этикаи касбӣ қоидаҳои ахлоқро дар соҳақои мухталифи касб муайян мекунад. Бахусус, кормандони соҳаҳои маориф, тандурустӣ, ҳуқуқ, нақлиёт ва ғайраҳо бояд ахлоқи олиро соҳиб бошанд. Зеро, онҳо ба ҳаёти инсон ҷавобгар мебошанд. Масалан, барои духтурон лозим аст, ки бо беморон меҳрубонона ва ғамхорона муносибат намоянд, зеро онҳо ҳифзкунандаи саломатии инсон мебошанд; барои омӯзгорон лозим аст, ки бо меҳру муҳаббат бо кӯдакону бачагон муносибат намоянд, зеро онҳо барои тарбияи насли наврас дар назди ҷомеа ҷавобгар мебошанд; ӯҳдадории касбии олимон аз он иборат аст, ки поквиҷдодона ҳақиқатро ҷустуҷӯ карда, дастоварди илмиро ба нафъи инсоният бояд равона созанд, кормандони соҳаи ҳуқуқ вазифадоранд адолатро дар ҷомеа пойдор намоянд.

## 4. Принсип ва меъёрҳои этикаи касбӣ дар замони муосир

Принсипҳои этикаи касбӣ инҳоянд: муттаҳидии касбӣ; дарк кардани қадри инсон ва қарзи касбӣ; ҷавобгарии махсус, ки ба он шароити корӣ мусоидат менамояд.

Дар замони муосир принсип ва меъёрҳои этикаи касбӣ, ки аз ахлоқи умумиинсонӣ сарчашма мегиранд, ба кодекеҳои ахлоқ табдил дода шудаанд. Ҳар як касб маҷмӯаи қоидаҳои ахлоқии худро дошта, онхо дар кодексҳои касбӣ инъикос ёфтаанд.

Кодекси касбӣ - муносибати байниҳамдигарии одамонро дар фаъолияти касбӣ инъикос мекунад. Кодексҳои касбӣ инчунин нисбат ба рафтори корманд мукофот ва ҷазоро муайян менамояд. Кодексҳои касбӣ пешниҳод карда мешаванд:

- аз ҷониби ширкатҳо, муассисаҳо, корхонаҳо;
- аз ҷониби соҳаҳои меҳнат ва ихтисосҳо;
- аз ҷониби коллективҳои меҳнатии минтақаҳо (ноҳияҳо, шаҳрҳо ва ғайра);
- аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ (СММ, САҲА).

Этикан касбӣ дар фаъолияти меҳнатии инсон аҳамияти калон дорад. Зеро, этикаи ҳар як касб софдилона иҷро кардани ӯҳдадории касбиро талаб карда, нисбати ҷомеа ва одамон аз рӯи адолат рафтору амал карданро талаб менамояд. Ҳама намуди этикаи касбӣ барои оқилона истифода бурдани қобилияти меҳнатӣ ва таъмини ахлоқи беҳтарин равона карда шудааст.